# СУРАТМАҶЛИСИ №67
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**29 марти соли 2025** ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд) тасдиқ гардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. **Дар бораи ташкили комиссияи экспертӣ:**

– Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров А.Қ. дар бораи пешниҳоди диссертатсияи диссертатсияи Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович дар мавзуи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иброз намуда пешниҳод намуд, ки барои баррасии диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзоёни шуро Азиззода У.А., Қудратов Н.А., ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҷалолов Х.Ғ. ташкил карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович дар мавзуи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои экспертиза қабул карда шавад.
2. Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:
   - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шуро Азиззода У.А;
   - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шуро Қудратов Н.А;
   - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҷалолов Х.Ғ.

**Қарор якдилона бо овоздиҳии ошкоро қабул карда шуд.**

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Мирзоев Қ.Х.**